ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-71-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Мубрамияти мавзуъ. Ҳар як инсон имрӯз доштани тасаввуроти пурра оид ба табиат ва олам, хусусан илмҳои табиатшиносӣ зарур мебошад. Химия ҳамчун яке аз илмҳои муҳими табиатшиносӣ дар кушодани сабабу – оқибатҳои ҳодисаҳои табиат, фаҳмою дастрас расондани моҳияти ҳақиқии онҳо ва дар ҷойи зарурӣ истифода кардани онҳо аз тарафи хонандагон дар раванди ҳаёти худ нақши калон дорад.

Диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудани нақши маводи дидактикии ёрирасон дар баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Коркарди воситаҳои дидактикии ёрирасон ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими химия дар зинаи аввали таълими химияи Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (МТМУ), дарёфти методикаи татбиқи маводи дидактикии ёрирасон бо истифода аз технологияи таълими адаптатсионӣ, доир кардани озмоиши педагогӣ ва бар асоси баррасии натиҷаҳо, баҳо додан ба самаранокии равиши таълим мусоидат менамояд. Объектҳои тадқиқот дар рафти тадриси фанни кимиё дар синфҳои 8–9-и Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (МТМУ) бо истифода аз маҷмуи маводи таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия ёрӣ мерасонанд, мавриди мушоҳида қарор гирифтааст. Маводи коркардашударо метавон ҳангоми такрори маводи таълимӣ, тайёрӣ ба имтиҳонҳо, таҳияи дастурҳои методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёна истифода намуд.

Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ҳалли худро ёфта, натиҷагирӣ карда шуда, муқаррароти асосии таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Экспертизаи диссертатсия нишон медиҳад, ки мутобиқати мавзуъ ба мундариҷа, бобҳо, зербобҳо ва хулосаҳои баровардашуда дар диссертатсия пурра таъмин гардида, пайдарпайӣ ва алоқамандии мантиқии ҳамаи бахшҳои тадқиқот ба таври возеҳ риоя шудааст. Муқаррарот, асоснокии илмӣ, натиҷаҳои бадастомада, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба мақсад ва вазифаҳои дар назди тадқиқот гузошташуда пурра мутобиқат менамоянд. Дар диссертатсия масъалаҳои мавриди омӯзиш аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҳаматарафа таҳлил гардида, натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ асоснок карда шудаанд. Навгонии илмии тадқиқот дар муайян намудани қонуниятҳо, вобастагиҳо ва хусусиятҳои нав дар доираи мавзуи интихобшуда ифода ёфта, дар муқоиса бо маълумот ва натиҷаҳои

пешинаи илмӣ арзиши назаррас дорад. Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои рушди минбаъдаи самти мазкури илм ва такмили корҳои амалӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дар маҷмӯъ, сохтор, мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ мутобиқ буда, дараҷаи баланди омодагии илмии муаллифро инъикос менамоянд.

Таҳлил ва арзёбии мазмуну муҳтавои диссертатсия ба автореферати он мувофиқ буда, мантиқан пайдарпайии тадқиқот иҷро гардида, асоснокии усулҳои тадқиқот, дурустии таҷрибаҳо ва маводи илмӣ инъикос ёфта, сарчашмаҳои илмӣ мувофиқ ба талаботи муқаррагардида ҷойгир карда шудаанд, диссертатсия ба соҳаи муайяни илм ва рушди иқтисоди миллӣ анҷом дода шудааст.

Соҳаи илм ва ихтисоси илмии диссертатсияи пешниҳодшуда, ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6Д.КОА-71-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияро аз рӯйи рамз ва ихтисоси илмии 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) дода шудааст, пурра мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмии бадастомада ба бандҳои зерини шиносномаи:ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқ мебошад.

банди 4. Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими химия дар системаҳои гуногунӣ педагогӣ;

банди 5. Баҳодиҳи ба салоҳиятнокии касби омӯзгори фанни химия

банди 7. Коркарди мазмуни таълими химия

банди 15. Таҳлили самаранокии амалишавии барномаҳои таълимии сатҳ ва мазмуни гуногун;

банди 18. Усулҳо, воситаҳо, шаклу техналогияи таълим, тарбия ва худомӯзӣ;

банди 19. Таърихи ташакул, таҳлили самаранокӣ, тасниф, мӯътадилгаронӣ, коркард, татбиқи амалии усулу технологияи таълим, тарбия ва худомӯзии химия;

банди 33. Назария ва методикаи таълими иловагӣ аз химия;

банди 36. Омодасозии омузгорони фанни ва кор дар низоми таълими иловагӣ аз химия мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Абдузоир Жуманазар ба ташкили ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8–9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз маҷмуи маводи таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия ёрӣ мерасонанд бахшида шудааст.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар Литсейи тамоюлӣ технологии шаҳри Бохтар, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3

, №9-и шаҳри Бохтар ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 , №37-и ноҳияи Вахш иҷро гардидааст. Сарчашмаҳои асосии диссертатсияро таҳлили таҳқиқоти олимон доир ба истифодаи маводи дидактикӣ дар таълим, қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи маориф ва илм, стандартҳо, рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба масъалаҳои омӯхташуда ташкил менамояд. Заминаҳои эмперикии баррасии адабиёти методӣ ва равоншиносию –педагогӣ доир ба масъалаи таҳқиқот, таҳлили дастурҳои таълимӣ – методӣ, таҳлили буришҳои корҳои хонандагон, амсиласозии педагогӣ, мушоҳида, анкетагузаронӣ, суҳбат, озмоиш, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ташкил доданд.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашрнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Назарзода Абдузоир Жуманазар дар Натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 10-адади онро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва боқимондаи онҳо дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд ва инчунин маводҳои конфренсияҳои илмӣ-назариявии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳад.

Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия фарогири мазмун ва моҳияти илмии диссертатсия буда, ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмиро истифодаи ахбори озмоишии педагогӣ, ки дар асоси ҳадаф ва вазоифи таҳқиқот доир карда шуда таҳлили ҳадафҳои таҷрибаи психологию омӯзгорӣ; санҷиши ҳолатҳои назариявии таҳқиқот дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; хулосаҳо ва тавсияҳо оиди истифодаи технологияи адаптатсионӣ апробатсияи онҳо дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи соҳавӣ тасдиқ менамояд.

Сохтор ва ҳаҷм диссертатсия. Рисола аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва адабиёти истифодашуда бо теъдоди 176 номгӯ ва замима иборат аст. Ҳаҷми асосии рисола 172 саҳифа буда, шомили 16 ҷадвал 8 расм ва 8 диаграмма мебошад.

Матни диссертатсия ва автореферати он дар Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз санҷиши барномаи компютерии Антиплагиат гузаронида шуда, тибқи маълумотномаи дода шуда, аслияти матни дисертатсия 84,44% (цитир 10,79%)ва аслиятии матни автореферати диссертатсия 86,12%-ро (цитир 7,29%) ташкил дода, ба талаботи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Муҳиммияти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти баланди назариявию амалии доштани диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки таҳқиқоти илмии пурра ба итмомрасида мебошад. Дар ин асос комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки диссертатсия ба талаботи

муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Низомномаи шурои диссертатсионӣ ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат мекунад.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6Д.КОА-71-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазарро дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, **қарор кард:**

1) Диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад;

2) Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Раҷабзода Сироҷиддин - доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректори Муассисаи давлатии таълимию илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- Ҳакимхоҷаев Сироҷиддин номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химия ва методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.

Ба сифати муассисаи пешбар кафедраи “Методикаи таълими химия”– и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

3) Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои расмии Муассисаи давлатии таълимию илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» розигӣ дода шавад.

4) Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои химия, профессор Раҷабов У. Р.
Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои химия, дотсент Муродзода Д.С.
номзади илмҳои педагогӣ Файзуллоева М.М.
«25» июня соли 2026

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС